# 70

# *солагӣ муборак!*

**Мухтарам Муҳаммадюсуф Сайдалӣ,**

Бо камоли эҳтиром аз номи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми зиёдашон хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошанд, Шумо ва ҷамъи устодонро ба муносибати 70 – солагии таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносӣ самимона табрик менамоем.

Тайи солҳои фаъолияти пурмаҳсули худ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун макони асосӣ ва бонуфузтарини Тоҷикистон, ки дар он мутахассисони соҳаи ҳуқуқ тарбия меёбанд, шинохта шудааст. Факултети ҳуқуқшиносӣ бо олимони барҷастаи соҳаи ҳуқуқ, аз қабили Раҷабов С.А., Мелкумов В., Ҳасанов Р.Ҳ., Розиқов Ш.Р., Муллоев М.М., Ойгензихт В.А., Ҷалилов У.Р., Франк Л.В., Явич Л.С., Усмонов О.У., Менглиев Ш.М., Ҷабборов Р., Қосимов С.М., Ҳомидов Х.Ҳ., Холиқов К. ва дигарон ифтихор менамояд. Бо назардошти он, ки аркони давлатдорӣ аз ҳуқуқ сарчашма мегиранд, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаи таълиму тарбияи ҳуқуқшиносон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таваҷҷуҳи хосса қарор дорад. Дар ин ҷода саҳми факултети ҳуқуқшиносӣ, бахусус устодони ботаҷриба, аз қабили академикон Тоҳиров Фозил ва Маҳмудзода Маҳкам Аъзам, аъзои вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессорон Раҳимзода Маҳмад Забир ва Насриддинзода Эмомалӣ, профессорон Тағойназаров Ш., Ализода Зариф, Сотиволдиев Р.Ш., Ғаюров Ш.К., дотсентон Абдуллоев Н.А., Имомов А.И., Раҳмон Дилшод Сафарбек, Раҷабов М. ва дигар мутахассисони ҷавони он арзишманд аст.

Бори дигар, ба Шумо ва аҳли устодон, аспирантҳо ва донишҷӯёни ин боргоҳи маърифат тансиҳатӣ, хонаободӣ ва фатҳи қуллаҳои нави илмию эҷодиро барои пешбарии илми тоҷик таманно менамоем.

Бо камоли эҳтиром,

Раиси
Комиссияи марказии
интихобот ва раъйпурсии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Худоёрзода Б.Т.